# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи номзадии Мавҷуда Анварӣ “Таҳқиқи вожаю истилоҳоти ҳунармандӣ дар “Ёддоштҳо”- и Садриддин Айнӣ”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.00 – Забоншиносӣ (10.02.01.- Забони тоҷикӣ) пешниҳод шудааст.**

Садриддин Айнӣ аз зумраи он адибоне мебошад, ки дар инкишофи забони адабии тоҷикӣ саҳми бузург гузоштааст. Ӯ на танҳо нависанда ва шоири чирадаст, балки адабиётшиносу забоншиноси забардаст низ маҳсуб меёфт. Саҳми устод Айнӣ дар омӯзиши масъалаҳои гуногуни адабиёти тоҷик ва забони тоҷикӣ хеле бузург буда, осори илмию адабии ӯ арзиши баланди илмӣ ва адабӣ дорад. Таҳқиқи осори бадеии шоир барои равшан сохтани боигарии забони тоҷикӣ, роҳҳои инкишофи он дар шароити нави таърихию иҷтимоӣ ва истифодаи хазинаи забони осори ин устоди сухан др такмили забони муосири меъёрии тоҷикӣ аҳамияти назариявию амалӣ дорад. Дар баробари ин таҳқиқи забони осори устод Айнӣ ба вижагиҳои услуб ва забони ӯ ва маҳорати сухангустарии устод равшанӣ андохта, барои муаррифӣ намудани эшон чун устоди барҷастаи сухан аҳамияти калон дорад.

Аз ин рӯ, рисолаи Мавҷуда Анварӣ “Таҳқиқи вожаю истилоҳоти ҳунармандӣ дар “Ёддоштҳо”- и Садриддин Айнӣ”, ба мавзуи мубрами забоншиносии муосири тоҷик бахшида шудааст. Маълум аст, ки ба омӯзиши осори илмию адабии С. Айнӣ пажуҳишҳои фаровоне бахшида шудаанд ва диссертант дар таълифи рисола аз ин осори пажуҳишӣ истифода кардааст. Инчунин осори назариявии забоншиносӣ низ мавриди истифодаи муаллиф қарор гирифтааст.

Дар диссертатсия вижагиҳои вожгонию маъноӣ ва сохтори калимасозии вожаҳои ҳунармандӣ мавриди баррасии илмӣ қарор гирифтаанд, ки аз назари таносуби маъноӣ ба пешаҳои дузандагию ресандагӣ, вожаю истилоҳоти ҳунармандии марбут ба пушоки занону мардон ва номи порчаю матоъ ҷудо шудаанд. Дар замина таҳқиқи хусусиятҳои сохторӣ ва муайян кардани қолибҳои калимасозии соҳаи ҳунармандӣ низ анҷом ёфтааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ ҷиҳати таҳқиқи масъалаи мазкур вазифаҳои мушаххасеро матраҳ намудааст, ки ба муҳтавои кори илмӣ аз назари мантиқӣ мутобиқат мекунанд.

Вожаю истилоҳоти соҳаи ҳунармандӣ арзиши фарҳангии миллати тоҷикро инъикос мекунанд ва фарҳангӣ будани халқро нишон медиҳанд.

Инчунин муҳимтарин қабати луғати фарҳангии забонро нишон дода, таърихи тулонии корбурд дар забон доранд.

Дар замина вожаю истилоҳоти яке аз асарҳои барҷастаи С. Айнӣ "Ёддоштҳо" гирдоварӣ шуда, аз назари маъноию сохторӣ танзиму тасниф гардидаанд. Таснифи вожаю истилоҳоти ҳунармандӣ тибқи мазмуну моҳият, баррасии маъноии вожаю истилоҳоти марбут ба ҳунармандӣ ва дар ин замина муайян сохтани таносуби гендерии онҳо сурат гирифта, калимаҳои муродифию мутазод ва ҳамгуни ҳунармандӣ муайян карда шудаанд.

Ҷойгоҳи корбурди вожаю истилоҳоти ҳунармандӣ дар байни дигар қабатҳои луғавӣ дар «Ёддоштҳо»-и устод Садриддин Айнӣ бо нишон додани омори корбурд таҳлил шудаанд. Вожаю истилоҳоти ҳунармандӣ бо нишон додани мавқеи калимаҳои сода дар ташаккули вожаю истилоҳоти ҳунармандии мансуб ба асбоби рӯзгори мардум, либосу матоъ, номи касбҳо, порчаю палос, ченаку андоза, таҷҳизоти ҳайвонот, калимаҳои сохтаи марбут ба ҳунармандӣ ва муайян сохтани ҷойгоҳи вандҳои калимасоз дар сохтани истилоҳоти ҳунармандӣ, қолибҳои калимаҳои мураккаби пайвасту тобеъ ва типи омехтаи марбут ба ҳунармандӣ мавриди баррасии илмӣ қарор гирифтаанд.

Навгонии кори диссертатсионӣ аз он иборат аст, ки вожаю истилоҳоти ҳунармандӣ дар «Ёддоштҳо»-и устод С. Айнӣ бори аввал ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст. Дар диссертатсия маводи марбут ба ҳунармандии «Ёддоштҳо» мутобиқи мавзуъҳои муносиб табақабандӣ шуда, хусусиятҳои вожагонию маъноӣ ва калимасозии қабати мазкур мавриди баррасии илмӣ қарор гирифтааст.

Диссертатсияи Мавҷуда Анварӣ "Таҳқиқи вожаю истилоҳоти ҳунармандӣ дар "Ёддоштҳо"- и Садриддин Айнӣ" дорои аҳамияти назариявӣ ва амалӣ мебошад.. Маводи «Ёддоштҳо»-и устод С. Айнӣ, ки яке аз асарҳои мондагори миллати тоҷик ба шумор меравад, дар самти таҳқиқи назариявии вожаҳои соҳавӣ манбаи муҳимми забони маҳсуб мешавад. Соҳаи ҳунармандӣ як ҷузъи фарҳанг ва соҳаи муҳимми ҳаёти ҷомеа мебошад, ки дорои вожаҳо ва истилоҳоти зиёд аст. Аз ин ҷиҳат ба таърих, этнография, этнолингвистика ва забони зиндаи мардум муносибати бевосита дошта, дар муайян намудани хусусиятҳои вожагонӣ ва сохтории калимаҳо дорои аҳаммияти калони назариявӣ мебошад. Ҷиҳати ҳалли ин масоил диссертант ба осори илмии донишмандони зиёди ватанию хориҷӣ муроҷиат карда, дар нишон додани хусусияти забонии ин қабати луғавӣ сайъ карда шудааст.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот аз он иборат аст, ки мавод ва масоили назариявии кор дар навиштани корҳои марбут ба вожашиносӣ, грамматикаи забони тоҷикӣ, таҳияи дастурҳою воситаҳои таълимӣ барои макотиби олӣ ва

миёнаи касбии кишвар мусоидат мекунад. Маводи таҳқиқии дар диссертатсия истифодашуда, барои дарсҳои амалӣ аз фанҳои забони тоҷикӣ, вожашиносӣ, луғатнигорӣ ва грамматика мусоидат мекунад.

Кори диссертатсионӣ аз ихтисораҳо, муқаддима, ду боб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, феҳрасти адабиёти истифодашуда, нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия дар ҳаҷми 181 саҳифаи чопи компютерӣ ва замимаи луғати вожаю истилоҳоти соҳаи ҳунармандӣ дар «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ пешниҳод шудааст.

Боби якум «Таҳқиқи вожаю истилоҳоти ҳунармандӣ дар «Ёддоштҳо»-и Айнӣ» ном дошта, аз 4 фаслу 5 зерфасл иборат аст. Фасли якум «Матолиби муқаддимавӣ» номгузорӣ шуда, аз масоили гуногунҷабҳа будани ҳунарҳои мардумии халқи тоҷик, соҳаҳои гуногуни ҳаётиро фаро гирифтани он ва барои ифодаи нозуктарин масоили ифодаи мафҳумҳои ҳар соҳа калимаҳои зиёде ба вуҷуд омада, дар тули таърих сайқал ёфтани онҳо баҳс карда, зикр мегардад, ки касбу ҳунари мардуми тоҷик дар осори беш аз ҳазорсолаи миллати тоҷик тавассути назму наср ва луғатномаҳо инъикос шуда, барои муаррифии хатти таърихии таҳаввул ва инкишофи вожаю истилоҳоти ҳунармандӣ заминаи мусоид фароҳам овардаанд.

Боби дуюм «Сохтори вожаҳою истилоҳоти ҳунармандӣ дар «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ» ном дошта, аз чор фасл ва 23 зерфасл иборат аст. Фасли аввал «Матолиби муқаддамотӣ» ном дорад. Бояд хотирнишон кард, ки «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ дар самти истифодаи вожаҳо ва истилоҳоти ҳунармандӣ муаррификунандаи хазинаи бузурги маънавии миллати мо ба шумор меравад. Вожаҳо ва истилоҳоти ифодакунандаи ҳунарҳои мардумӣ соҳаҳои гуногуни пешаварии асари мазкурро ифода карда, бо роҳу воситаҳои гуногуни калимасозии забонамон ба вуҷуд омадаанд, яъне дар ташаккули калимаҳои ин соҳа омили лингвистии рушди забон муассир мебошад.

Хулосаи кори диссертатсионӣ дар 10 банд ҷамъбаст карда шуда, муҳтавои таҳқиқотро дар бар гирифтааст.

Дар охир мехостам чанд мулоҳизаро баён намоям, ки ба кори оянда довталаби дараҷаи илмӣ кумак мерасонад.

1. Дар боби аввали диссертатсия танҳо вожаю истилоҳоти соҳаи либосу пушок ва дузандагӣ таҳлил шуда, аз касбу ҳунарҳои дигар сарфи назар шудааст, вале дар боби дуюм сохтори калимасозии вожаҳои марбути касбу ҳунарҳои дигар таҳлил карда шудааст.
2. Хуб мешуд, агар диссертант вожаҳои марбути соҳаҳои дигари ҳунармандиро дар боби дуюми диссертатсия мавриди таҳқиқ қарор медод ва боби сеюмро ба баррасии илмии сохтору калимасозии истилоҳоту вожаҳои соҳаи ҳунармандии “Ёддоштҳо мебахшид”.

Мулоҳизаҳои баёнгардида ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши илмии диссертатсияро коҳиш намедиҳанд.

Коркарди амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва нашри таълифоти илмӣ ба меъёр ва талаботи охирини Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошанд.

Диссертатсияи Мавҷуда Анварӣ "Таҳқиқи вожаю истилоҳоти ҳунармандӣ дар "Ёддоштҳо"- и Садриддин Айнӣ" як таҳқиқоти мукаммали бахше аз лексикаи яке аз мондагортарин асарҳои устод Садриддин Айнӣ ба шумор рафта, ба талаботи бандҳои 32-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021 таҳти рақами 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.00 – Забоншиносӣ (10.02.01.- Забони тоҷикӣ) мебошад.

Доктори илмҳои филология,
сарходими илмии Институти илмҳои гуманитарии
ба номи Б. Искандарови АМИТ Назрӣ Офаридаев
"7" апрели соли 2025
Нишонӣ: 736004, Ҷумҳурии Тоҷикистон
Ш. Хоруғ,к Карамшо, 266
Тел.: 93-931-40-3
E-mail: nazri53@mail.ru

Имзои Назрӣ Офаридаевро тасдиқ мекунам:
Раёсати кадрҳои Институти илмҳои
гуманитарии ба номи Б. Искандарови
АМИТ Саъдоншоев Тоҳир
"7" апрели соли 2025

Нишонӣ: 736006, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Хоруғ, к. Холдоров 4